# Моддаи 4 -и ПБҲШС

## Инҳироф аз ПБҲШС дар ҳолатҳои истисноӣ



**Ҳар гуна чорае, ки аз ПБҲШС инҳироф мекунад, мутобиқи ПБҲШС бояд:**



- Ба таври қатъӣ зарур ва мутаносиб бошад;
- Хусусияти истисноӣ ва муваққатӣ дошта бошад;
- Мутобиқат бо дигар ӯҳдадориҳои байналмилалӣ дошта бошад;
- Бидуни табъиз бошад; ва
- Инҳироф аз ҳуқуқҳои мутлақ надошта бошад.

Таваҷҷуҳ! Давлатҳои узв набояд аз ПБҲШС инҳироф кунанд, агар вазъият тавассути маҳдудияти ҳуқуқҳои дар моддаҳои 12, 18 §3, 19, 21 ва/оё 22-и ПБҲШС иҷозат додашуда ба даст оварда шавад.

## Рӯйхати санҷишӣ барои мониторинги вайронкунии Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ тавассути инҳирофи ғайриқонунӣ дар контексти пандемияи COVID-19

Агар кишвари шумо ягон чорае андешида бошад, ки аз ӯҳдадориҳо дар чорчӯби ПБҲШС инҳироф мекунад, оё он чораҳо:

I. Барои ҳифзи саломатии аҳолӣ аз пандемияи COVID-19 комилан зарур мебошанд?

II. Муваққатӣ, яъне ба давомдории ҳолати фавқулодда маҳдуд мебошанд, ҳадди аққал ба нақша гирифта шудааст, ки ҳангоми барқарор шудани вазъияти муқаррарӣ, амали он ба охир мерасад?

III. Ҳар гуна ӯҳдадориҳои дигари давлатро тибқи қонунҳои байналмилалӣ, махсусан ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона вайрон НАМЕКУНАНД?

IV. Бе ягон ҳадафи табъизомез ё таъсиррасонидан ба гурӯҳҳои муайян татбиқ карда мешаванд (масалан, ҳеҷ гурӯҳи мушаххасе вуҷуд надорад, ки инҳироф бе сабабҳои узрнок ба онҳо таъсир расонад)?

V. Саломатии ҳар шахсро бидуни фарқияти беасос ба таври баробар муҳофизат мекунанд (ҳеҷ гурӯҳи мушаххасе вуҷуд надорад, ки бесабаб аз доираи муҳофизат дар канор монда бошад)?

VI. Аз ҳар гуна ҳуқуқҳои Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, инҳироф намекунанд?

Агар ҷавоби шумо ба ягон саволи дасти чап зикршуда "НЕ" бошад, хавфи вайронкунии вуҷуд дорад, лутфан мавридҳое зеринро марвиди санҷиш қарор диҳед:

- Кадом чораҳое, ки аз ПБҲШС инҳироф мекунанд, дар робита ба ҳадафи ҳифзи саломатии аҳолӣ аз пандемияи COVID-19 ва барқарорсозии вазъияти муқаррарӣ комилан зарурӣ ё беасос нестанд ва ба кадом маъно?
- Кадом ӯҳдадориҳои давлат мутобиқи дигар ҳуқуқи байналмилалӣ, махсусан ҳуқуқи байналмилалии башардӯстона вайрон карда мешаванд ва чӣ гуна?
- Кадом гурӯҳҳо мавриди табъиз қарор мегиранд ё махсусан мавриди таъсири инҳироф қарор мегиранд ва чӣ гуна?
- Кадом гурӯҳҳо аз доираи ҳимоя дур мондаанд ва чӣ гуна?
- Аз кадом ҳуқуқҳои мутлақи ПБҲШС инҳироф карда мешавад, чӣ гуна инҳироф карда мешавад?

**Иничунин истинод оред ба:**

Тартиби зарурӣ барои инҳирофи қонунии ПБҲШС (корти №8)
Ҳуқуқҳои мутлақи дар чорчӯби ПБҲШС (корти № 10)



CCPR Centre for Civil and Political Rights

бо дастгирии: Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra